# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 08 июни соли 2023 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуадуллоҳи Рӯдакӣ), тақризи мусбати муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. ва номзади илмҳои фалсафа, муаллими калон Сатторзода С.Н., инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Муҳаммадалӣ М., доктори илмҳои фалсафа, профессор Солиҷонов Р., доктори илмҳои фалсафа, профессор Муминов А.И. ва доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д. дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021с. таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мебошад;

2. Маводи чопнамудаи диссертант пурра мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд;

3. Камолов Шодмонҷон Валихонович бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Камолов Шодмонҷон Валихонович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Зид – нест, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул мешавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

08 июни соли 2023